**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон. – Душанбе, 2026. – 45 с.**

Раванди бемайлони инкишофи илми забоншиносӣ дар масири таърих боиси он гардидааст, ки баъзе бахшҳо ё қисматҳои он бинобар муҳиммияти илмиашон аз доираи илмҳои гуногун берун шуда, ба қисматҳои алоҳидаи илми забоншиносӣ мубаддал гаштаанд. Маъношиносӣ низ яке аз чунин бахшҳоест, ки дар заминаи илмҳои гуногун такомул ёфта, аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омузишу баррасӣ қарор гирифта, батадриҷ ба яке аз қисмҳои алоҳида ва муҳимми забоншиносӣ шинохта шудааст.

Дар муқаддима мубрамӣ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ, методҳо ва маводи таҳқиқ, навоварии он, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқ, нукоти барои дифоъ пешниҳодшаванда, коркард ва татбиқи натоиҷи таҳқиқ ва сохтори кор баррасӣ шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони **«Хусусият ва хелҳои маъно дар маъношиносӣ»** ба масъалаи хусусиятҳои назариявии маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ аз нуқтаи назари муҳаққиқони соҳа ба таври муфассал тарҳрезӣ шуда, навъҳои маънои луғавӣ, маънои прагматикӣ ва мавқеи онҳо нишон дода шудааст. Ба андешаи диссертант, “барои пурра ва саҳеҳ нишон додани умуман маънои луғавӣ хелҳои он мавқеи муҳим доранд, зеро ҳар як маънои луғавӣ аз маънои умумии луғавӣ гирифта шудааст ва барои равшану возеҳ ва дақиқ нишон додани ин ё он навъи маънои луғавӣ рӯ овардан ба маҷмуи маъноҳои луғавӣ зарур ва айни муддаост” (саҳ. 15), ки қобили дастгирист.

Дар боби дуюм, ки **«Таъсирпазирии маъноҳои корбурдӣ-прагматикӣ»** ном дошта, фарогири се фасл мебошад, масъалаи муносибати маънои коннотативӣ ва маънои услубӣ баррасӣ шуда, робитаи маънои коннотативӣ бо маънои эҳсосӣ, инчунин, муносибати маънои коннотативӣ бо маънои баҳодиҳӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Боби сеюм дар мавзуи **«Ифодаи маънои коннотативӣ дар бахшҳои маъношиносии лингвистӣ»** дар чор фасл таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллиф дар ин боб чунин андеша дорад: “Равшан аст, ки дар аксар маврид фаҳмиши дақиқи гуфтаҳоро таъмин карда намешавад, зеро вожаҳо ба ғайр аз маънои бевоситаи худ, дорои мазмуни норавшан мебошанд, ки бо ифодаи нуқтаи назар, расму оин, урфу одат ва фарҳанги ин ё он халқ алоқамананд. Калимаи “ширин” аксар вақт маънои ғайричашмдошти мусбат дорад (дар асоси «хусусияти прототипии» «ширин – таъми гуворо»), аммо як маънои коннотативии барои фарҳанги тоҷикӣ алоқаманд аст” (саҳ. 32).

Хулосаву натиҷаҳои таҳқиқ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар бандҳои алоҳида оварда шуда, истифодаи онҳо метавонад барои татбиқ қарор додани онҳо дар назарияву амалияи семантика, маъношиносии лингвистии соҳаи забоншиносии тоҷик саҳмгузор бошад.

Автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯянд.

Дар баробари ин дар автореферат баъзе камбудиҳоро мушоҳида кардан мумкин аст, ки ислоҳи онҳоро дар оянда ба манфиати кор меҳисобем:

1. Дар автореферати рисола баъзе вожаи таҳқиқ дар шакли таҳқиқот мавриди корбурд қарор дорад (саҳ 7, 12). Хуб мебуд, агар муҳаққиқ онҳоро дар як шакл истифода мебурд;

2. Дар автореферат хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикӣ ба чашм мерасанд.

Эродҳои зикршуда ислоҳшаванда буда, ҳангоми таҳия ва нашри монографияи Бустонзода Тахмина Бустон ба назар гирифтани онҳо тавсия дода мешаванд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Бустонзода Тахмина Бустон** дар мавзуи **“Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо)”**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти анҷомёфта, мустақилона ва арзишманди илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мебошад.

**Муқарриз:**
н.и.ф., дотсенти кафедраи забонҳои тоҷикӣ ва русии Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд”
____________________ Оқилова Саноатҷон Аҳмадовна
“15” июли соли 2026

**Нишонӣ:** 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ноҳияи Б. Ғафуров, ҷамоати Ҳ. Усмонов,
кӯчаи Р. Раҳматов, ҳавлии 64
Тел: (+992) 92-888-02-60
E-mail: sanoat2525@mail.ru

**Имзои Оқилова С.А.-ро тасдиқ мекунам:**
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии “Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷоратии Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд”
____________________ Усмонзода Шаҳзод Усмон

Шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус

“15” июли соли 2026